Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Тарҷумаи соматизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз мавзуҳои умда дар забоншиносӣ ба ҳисоб меравад ва диссертант Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳоро бар мабнои асари бадеӣ ба риштаи пажӯҳиш кашидааст.

Дар замони муосир, ҳалли масъалаҳои муоширати байнифарҳангӣ ва, бахусус, масъалаҳои марбут ба мубодилаю бархурди фарҳангҳо бо якдигар, ки дар тағйири тасвири забонии қавму миллатҳо ва халқиятҳои гуногун нақши муайянро бозӣ мекунанд, яке аз мавзуи муҳимми забоншиносии муосир, хусусан, забоншиносии фарҳангӣ, қавмӣ, шинохтӣ ва равонӣ маҳсуб меёбад.

Дар диссертатсия бори нахуст аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ тарҷумаи англисии соматизмҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ аз диди илми тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ таҳлил ва мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, ба таври системавӣ ва оморӣ соматизмҳое, ки дар «Гулистон»-и С. Шерозӣ истифода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои тарҷумавӣ, фарҳангӣ ва равонии онҳо ошкор карда шуданд. Инчунин, мавқеи соматизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ таҳқиқ шуда, равишу усулҳои тарҷумаи онҳо арзёбӣ гардиданд. Дар баробари ин, тасвири забонии

ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо дар асоси соматимзҳо муқоиса гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳо ошкор карда шуданд.

Кори диссертатсионии **Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)»** мувофиқ ба талабот (стандарт) –ҳои нави илмӣ таҳия гардида, дар он тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима сурат гирифтааст, ки ба мазмун ва моҳияти дисертатсия арзиши дигар зам мекунад. Ҳамчунин ин тарзи таҳияи рисола барои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар оянда метавонад чун роҳнамо хидмат намояд.

Мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқшаванда мутобиқ буда, мундариҷаи кори илмии бaанҷомрасидаро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим автореферати диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд:

1. Дар аксарияти саҳифаҳо номгӯйи адабиёт дар дохили қавси муқаррарӣ омадааст.
2. Дар автореферати рисола хатогиҳои услубию имлоӣ ба назар мерасанд, вале манзалати онро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳои номбаршуда аҳамияти илмии таҳқиқи мазкурро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ҷанбаи фаннӣ - тавсиявӣ дошта,ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Диссертатсияи номбурда таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои илми забоншиносии тоҷик маводи зарурӣ маҳсуб меёбад, ки кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии минбаъда, таълифи осору мақолот ва таҳияи фарҳангҳои тафсирию соҳавӣ, ҳангоми тадриси фанҳои назария ва амлияи тарҷума ва тарҷумашиносӣ барои донишҷӯён

истифода намуд. Ҳамзамон, ҳамчун маълумот барои муҳаққиқон ва ҳаводорони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ арзиши амалиро доро мебошад.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсияи **Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)»** кори анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ
саромӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Фатҳуллоев Икромуддин Бароталиевич**

Тел: 905101110; 938018008
E-mail: ikrom0472@yandex.ru

Имзои Фатҳуллоев И.Б.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Шукурзод Джамшед Абдуалим**

735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru,
Сомона: http://www.ktsu.edu.tj

«01» 02 **соли 2024**